

МУРОЧИАТНОМАИ Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Зафаробод ба кули мардуми нохия Хамдиёрони азиз! Хашарчиёни бохиммат! Пахтакорони шӯхратманди нохия!

Ба хамагон маълум аст, ки сохаи асосии хочагии халки нохияи моро пахтакорӣ ташкил медихад. Дехконони асили нохия бо максади баланд бардоштани иктидори иктисодии нохия хаста нашуда мехнат мекунанд. Соли 2024 низ чун дигар солхо дехконони мехнаткарин ва захматписанди нохия бо азму матонати зиёд хосили фаровон рӯёниданд. Имрӯз дар аксарияти хочагихо сахмдорон, ахолӣ ва хашарчиёни химматбаланди шахру нохияхои вилоят аз хар як лахзаи рӯзхои офтобии тирамох истифода бурда, бахри саривакт чамъоварӣ намудани ин ганчи бебахо намунаи мехнати ватандӯстона ва садокат нишон медиханд.

Холо рафти маъракаи хосилгундорӣ торафт суръат гирифта, ахли захмати чандин хочагихои дехконӣ нисбати харсола бехтар мехнат намуда, хеле барвакт аз ичрои дурнамои сол мучда расониданд. Аммо тачриба нишон медихад, ки дар айни авчи корхои хосилгундорӣ боришоти зиёд ва сардихо ба амал омада, ба пурра чамъ овардани хосил халал мерасонад. Аз ин хотир макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ бахри муташаккилона ва дар мӯхлатхои кӯтох ва мусоиди обу хаво то пагаи охирин чамъоварӣ намудани хосили бо душворихо рӯёнидашуда ба Шумо мардуми шӯхратманд, сахмдорон, хашарчиёни бохиммат ва кулли пахтакорони нохия мурочиат менамояд.

Хамдиёрони гиромӣ!

Биёед хамагон ба сахрои аз захмати дехкон чаманистонгашта бароем, махсули ранчи дехконро дастчамъона чамъоварӣ намоем ва барои рушд додани корхои созандагиву ободонӣ, баланд бардоштани сатхи зиндагии мардумамон сахми арзандаи худро гузорем.

Пахта дар сахро шукуфта интизори чидан аст,

Гайрат эй ёрон, ки химматро дами санчидан аст!

Хама ба сахро, ба хашари умумихалкӣ!